**Ҷадвали мониторинги**
**иҷрои қарорҳои протоколии ҷаласаи 15-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 7 августи соли 2015 №1С/22-7**

| Мазмуни супоришҳои протоколӣ | Мӯҳлати иҷро | Ҷараёни иҷро | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1. Вазорати саноат ва технологияҳои нав:<br>- якҷо бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Корхонаи воҳиди давлатии “Ширкати Алюминийи Тоҷик”, дигар вазорату идораҳо ва бахши хусусӣ барои коркарди пурраи алюминий дар дохили мамлакат, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии саноатӣ ва содироти он чораҳои таъхирнопазир андешида, аз натиҷааш ба Ҳукумати ҷумҳурӣ маълумот пешниҳод намоянд;<br><br>- якҷо бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ номгӯи маҳсулотеро, ки истеҳсоли онҳо дар ҷумҳурӣ имконпазир аст, бо дарназардошти мавҷудияти ашёи хоми асосӣ, ҷойгиркунии иқтидорҳои истеҳсолӣ, арзиши аслии маҳсулот ва талабот дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ таҳия намуда, то охири моҳи сентябри соли ҷорӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод кунад; | Мунтазам<br><br>Соли 2015<br><br>Соли 2015 | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br><br>**Вазорати саноат ва технологияҳои нав.**<br>Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №648 аз 30 декабри соли 2007 “Барномаи коркард ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр аз алюминийи аввалия барои солҳои 2007-2015” қабул шуда, тибқи он дар ҷумҳурӣ ҶДММ «Ноқили Талко» дар соли 2012 бо иқтидори коркарди 12 ҳазор тонна алюминий ва 120 ҷойи корӣ ва ҶДММ КМ «Тачпроф» дар соли 2013 бо иқтидори коркарди 4 ҳазор тонна алюминий ва 80 ҷойи корӣ ва 3 корхонаи хурд дар вилояти Суғд (ҶДММ «Шуҳрат 1993, ҶДММ «Ҷараён плюс» ва ҶДММ «Пайрав ва К») аз тарафи бахши хусусӣ сохта ба истифода дода шуданд.<br>Аз давраи қабули барнома то соли 2012 ҷараёни рушди коркарди алюминий дар ҷумҳурӣ мушоҳида мешуд. Тибқи иттилои Вазорати саноат ва технологияҳои нав омили манфие, ки вақтҳои охир рушди коркарди алюминий дар ҷумҳуриро бозмедорад, ин бо болонархӣ «премия» ($250) аз нархи Биржаи металии Лондон фурӯхтани ашёи хом аз тарафи КВД “Ширкати Алюминийи Тоҷик” ба корхонаҳои ватанӣ мебошад. Бинобар ин, аз хориҷи ҷумҳурӣ ворид кардани алюминий мусоидтар аст.<br>Бо сабаби қайдгардида ва мушкилоти дигар ҳаҷми коркарди алюминий, ки дар 8 моҳи соли ҷорӣ аз 40,0 ҳазор тоннаи пешбинӣ гардида, ҳамагӣ 7,3 ҳазор тонна коркард шуда, ҳаҷми коркард аз нақшаи дар барнома омада, 32,6 ҳазор тонна кам ва суръати афзоиш ҳамагӣ 18,3% таъмин гардид.<br><br>**Сархати 2, 3 ва 4**<br>Лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| - лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди истеҳсолоти миллиро бо назардошти таклифу пешниҳодҳои дар ҷаласаи имрӯза баёнгардида мукаммал намуда, ҳарчӣ зудтар ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд;<br><br>- барои ҳалли саривақтии мушкилиҳои ҳалталаби корхонаҳои саноатӣ ва бартараф намудани монеаҳое, ки садди роҳи рушди соҳа мегарданд, чораҳои таъхирнопазирро амалӣ созад. | | соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ бо вазорату идораҳо мувофиқа карда шудааст ва ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур карда мешавад.<br>Дар Нақшаи чорабиниҳои мазкур номгӯи маҳсулотеро, ки истеҳсоли онҳо дар ҷумҳурӣ имконпазир аст, бо дарназардошти мавҷудияти ашёи хоми асосӣ, ҷойгиркунии иқтидорҳои истеҳсолӣ, арзиши аслии маҳсулот ва талабот дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ мушаххас карда шудаанд.<br>Ҳалли саривақтии мушкилиҳои ҳалталаби корхонаҳои саноатӣ ва бартараф намудани монеаҳое, ки садди роҳи рушди соҳа мегарданд, дар лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои қайдгардида тариқи чорабиниҳои алоҳида манзур карда шудаанд.<br><br>**Вазорати молия.**<br>КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик»-ро зарур аст, ки ба корхонаҳои саноатии кишвар, ки барои коркарди алюминийи аввалия эҳтиёҷ доранд, бо ашёи хоми ватанӣ (алюминийи аввалия) ҷиҳати рушди истеҳсолоти дохилӣ таъмин намояд. | |
| 2. Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук ва Агентии “Тоҷикстандарт” бо корхонаҳои саноатие, ки маҳсулоти онҳо ба бозорҳои беруна бароварда мешаванд ва имконияти воридотивазкунӣ доранд, ҷиҳати паст кардани арзиши аслӣ ва рақобатпазир намудани маҳсулоти истеҳсолшаванда чораҳои муассир андешида, аз натиҷааш ба Ҳукумати мамлакат маълумот пешниҳод намоянд. | Соли 2015 | *Мавриди иҷро қарор дорад*.<br><br>**Вазорати саноат ва технологияҳои нав.**<br>Маҳсулотҳои асосии содиротшавандаи корхонаҳои саноатӣ ин пеш аз ҳама аллюминий, семент, риштаи пахтагин, матоъҳои пахтагин, маснуоти ҷуробу пайпоқ, консерваи меваю сабзавот, спирти этилӣ, намаки ошию техникӣ, меваи хушк ба ҳисоб рафта, корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти мазкур дорои имконияти воридотивазкунӣ доранд ва дар самти азхуд намудани бозор тавассути паст кардани арзиши аслӣ ва рақобатпазир намудани маҳсулоти истеҳсолӣ доимо чораҳои муассир андешида мешавад.<br><br>**Вазорати рушди иқтисод ва савдо**<br>Аз ҷониби Вазорат лоиҳаи Барномаи мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 таҳия гардида, ба баррасии вазорату идораҳо пешниҳод шудааст.<br>Дар лоиҳаи Барнома дурнамои воридотивазкунии 20 номгуи маҳсулоти | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | асосии воридотӣ ва 20 номгуи маҳсулоти асосии содиротшаванда мушаххас карда шудааст.<br><br>**Вазорати молия, Кумитаи андоз.**<br>Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ба корхонаҳои саноатӣ, паст кардани арзиши аслӣ ва рақобатпазир намудани маҳсулоти истеҳсолшаванда, ки имконияти воридотивазкунӣ доранд, дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор имтиёзҳои андозӣ пешбинӣ шудааст, ки мақомоти андоз баҳри дар амал татбиқ намудани онҳо чораҷӯӣ намуда истодааст. Аз ҷумла:<br>1) андоз аз фоида барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо аз 1 январи соли 2015 - 14 фоиз муқаррар шуда, то соли 2017 ба 13 фоиз паст карда мешавад. (моддаи 109 КА ҶТ);<br>2) меъёри пасткардашудаи андози низоми соддакардашуда барои истеҳсолкунандагони молҳо 5% фоизро ташкил дода, бевосита ҷиҳати рушди соҳибкории хурду миёна нигаронида шудааст;<br>3) корхонаҳои нави молистеҳсолкунанда дар асоси моддаи 110 Кодекси андоз пешбинӣ гардидааст, ба муҳлати аз 2 то 5 сол аз пардохти андози фоида (андози низоми соддакардашуда), озод карда мешаванд;<br>4) корхонаҳои навтаъсисе, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагини дузандагӣ) машғул мебошанд ба муҳлати то 12 сол дорои чунин имтиёзҳо мебошанд (моддаи 313 КА ДТ):<br>5) ҳангоми воридоти молҳо барои эҳтиёҷоти худ корхонаҳои мазкур аз боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд;<br>- содироти молҳое, ки корхонаҳои навтаъсис истеҳсол мекунанд, аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд;<br>- корхонаҳои навтаъсис аз андоз аз фоида, андози низоми соддакардашуда ва андозҳо аз молу мулки ғайриманқул озод мешаванд;<br>6) хоҷагиҳои паррандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи парранда ва чорво дар ҳаҷми на камтар аз 16 миллион доллари ИМА фаъолият менамоянд, ба муҳлати 12 сол аз пардохти чунин андозҳо:<br>- андоз аз фоида; | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | - андоз аз арзиши иловашуда;<br>- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;<br>- андоз аз молу мулки ғайриманқул;<br>- андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ ҳангоми ворид намудани молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худи корхонаҳо озод карда мешаванд (моддаи 313(1) КА ҶТ);<br>7) барои коркарди пӯст, пашм, абрешими хом ва дигар ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ ба маҳсулоти ниҳоӣ ба муҳлати то 5 сол имтиёзи андозӣ тибқи қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад (к. 10 моддаи 313 КА ҶТ);<br>8) аз 1-уми январи соли 2015 меъёри андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ба андозаи 0,25 фоиз барои фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ, таъминоту фурӯш ва ба андозаи 1 фоиз барои дигар намудҳои фаъолият баробар шуда, аз 1-уми январи соли 2017 андози мазкур бекор карда мешавад;<br>9) дар доираи Минтақаҳои озоди иқдисодӣ мутобиқ ба талаботи Кодекси андоз фаъолияти субъектон ва маъмурияти Минтақаи озоди иқтисодӣ аз пардохти ҳамаи намуди андозҳо, ба истиснои андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷимоӣ озод мебошанд (боби 49 КАҶТ);<br>10) воридоти техникаи таъиноти кишоварзӣ, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаи технологиро ташкил медиҳанд, мувофиқи Номгӯи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, №93 аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод мегарданд (моддаи 169 КА ҶТ). | |
| 3. Вазорати молия ва Кумитаи андоз якҷо бо дигар вазорату идораҳо лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурӣ ҷиҳати рушди соҳаи истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, аз ҷумла тартиби муайян намудани меъёр ва пардохти бонусҳои обунавӣ ва бонуси кашфи тиҷоратиро таҳия намуда, ба Ҳукумати мамлакат | Соли 2015 | ***Мавриди иҷро қарор дорад***<br><br>**Вазорати молия, Кумитаи андоз**<br>Ҷиҳати рушди соҳаи истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок аз ҷониби Вазорати молия бо мақсади дастгирии корхонаҳои соҳаи мазкур лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №426 аз 30.08.2011” таҳия гардида, ба мувофиқаи дигар вазорату идораҳои дахлдор ирсол карда шудааст. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| пешниҳод намоянд. | | | |
| 4. Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, саноат ва технологияҳои нав, Хадамоти гумрук ва Кумитаи андоз ҷиҳати пешгирии воридоти ғайрирасмии маснуоти бофандагӣ, дӯзандагию кешбофӣ ва барасмиятдарории гумрукии онҳо на аз рӯи вазн, балки тибқи андоза, шумора, нарх, навъу сифат чораҳои таъхирнопазир андешида, аз натиҷааш ба Ҳукумати мамлакат маълумот пешниҳод намоянд.<br>- Ҷиҳати ҷорӣ намудани тарифҳои гумрукие, ки ба рушди истеҳсолоти ватанӣ ва содироти бештари маҳсулоти тайёр мусоидат мекунад, чораҷуӣ карда шавад. | Соли 2015 | ***Мавриди иҷро қарор дорад***<br><br>**Вазорати рушди иқтисод ва савдо.**<br>- ба Агентии омор ва Хадамоти гумрук вогузор карда шавад, ки ҷиҳати б таври воқеӣ нишон додани воҳидҳои ченаки молу маҳсулоти содиротию воридотӣ дар Маҷмӯи омории «Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чораҳо андешанд;<br>- ба Хадамоти гумрук супориш дода шавад, ки ҳангоми барасмиятдарории гумрукии молу маҳсулот аз усулҳои муайян намудани арзиши гумрукии мол дуруст истифода намояд.<br><br>**Хадамоти гумрук**.<br>Бо мақсади пешгирии воридоти ғайрирасмии маснуоти бофандагӣ, дӯзандагию кешбофӣ ва барасмиятдарории гумрукии онҳо на аз рӯи вазн, балки тибқи андоза, шумора, нарх, навъу сифат дар назди Хадамоти гумрук гурӯҳи корӣ ҷиҳати таҳти муоинаи гумрукӣ қарор додани моли воридшаванда, сафарбар намудани кормандон ба гузаргоҳҳои наздисарҳадӣ ва гузаронидани корҳои профилактикӣ дар бозорҳои дохилӣ баҳри пурра ба расмиёти гумрукӣ даровардани молу воситаҳои нақлиёт ва таҳти назорати қатъӣ қарор додани воситаҳои нақлиёте, ки тавассути онҳо ба қаламрави кишвар интиқоли молу маҳсулот сурат мегирад, равона гардидааст.<br>Ҳамзамон, Хадамоти гумрук мавқуф гузоштани ҷорӣ намудани тарифҳои гумрукие, ки ба рушди истеҳсолоти ватанӣ ва содироти бештари маҳсулоти тайёр мусоидат мекунанд, дархост намудааст.<br><br>**Вазорати саноат ва технологияҳои нав.**<br>**Сархати 1.**<br>Оид ба амалӣ намудани банди мазкур Вазорати саноат ва технологияҳои нав омодааст бо сохторҳои гумрук ва андоз ҳамкорӣ намояд.<br>**Сархати 2.**<br>Ба пойафзол, мебел, қолинҳо ва палосҳо, либосҳои дӯхташуда, бахусус либосҳои мактабӣ ва матоъҳои пахтагини воридотӣ ҷорӣ | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | намудани боҷҳои гумрукӣ дар ҳудуди то 25% пешниҳод карда мешавад.<br><br>**Вазорати молия, Кумитаи андоз**<br>Пешгирӣ намудани воридоти ғайрирасмии маснуоти бофандагӣ, дузандагию кешбофӣ ва барасмиятдарории гумрукии онҳо аз рӯи вазн, қайд карда мешавад, ки чунин тартиби барасмиятдарории гумрукӣ ба истеҳсолоти ватанӣ таъсири манфӣ расонида, пешниҳод дар хусусии барасмиятдарории гумрукии онҳо аз рӯи андоза, шумора, нарх, навъу сифат қобили дастгирӣ мебошад ва он пеш аз ҳама таҳлили амиқи маълумотҳои омории кишварҳои воридотиро тақозо менамояд.<br>Айни замон масъалаи тағйир додани меъёри андоз аз арзиши иловашуда дар баррасии Вазорати молия қарор дорад, ки ин бевосита ба пешгирӣ намудани воридоти ғайрирасмӣ мусоидат менамояд.<br>Аз ин лиҳоз Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Хадамоти гумрукро зарур аст, ки иҷрои онро роҳандозӣ намоянд. | |
| 5. Ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Барқи Тоҷик", вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, энергетика ва захираҳои об, молия, саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ тартиби содда ва шаффофи пайвастшавии корхонаҳои истеҳсолиро ба шабакаҳои барқӣ таҳия намуда, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намоянд. | Соли 2015 | *Мавриди иҷро қарор дорад*.<br>**Ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Барқи Тоҷик".**<br>Аз ҷониби ШСХК "Барқи Тоҷик" лоиҳаи Низомнома «Дар бораи тартиби содда ва шаффофи пайвастшавии корхонаҳои истеҳсолӣ ба шабакаҳои барқии системаи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия намудааст.<br><br>**Вазорати молия.**<br>Тартиби содда ва шаффофи пайвастшавии корхонаҳои истеҳсолиро ба шабакаҳои барқӣ ва ба системаи ягонаи энергетикӣ пайваст шудан байни корхонахои истеҳсолӣ ва ШСҲК «Барқи Тоҷик» ба мақсад мувофиқ буда, Вазорати молия омодааст, ки дар доираи салоҳиятҳои худ бо онҳо ҳамкорӣ намояд. | |
| 6. Агентии "Тоҷикстандарт", вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, Палатаи савдо ва саноат барои ба таври васеъ ҷорӣ намудани меъёрҳои | Мунтазам | *Мавриди иҷро қарор дорад*.<br><br>**Агентии Тоҷикстандарт.**<br>Агентии Тоҷикстандарт узви Шӯрои байндавлатӣ оид ба стандартизатсия, сертификатсия ва метрологияи ИДМ, аъзо- | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| байналмилалии сифат, узвияти Тоҷикистон ба созмонҳои байналмилалии соҳавие, ки барои содироти молҳои ватанӣ мусоидат мекунанд, инчунин доир намудани мониторинги мунтазами навигариҳои қонунгузории савдо дар мамлакатҳои узви Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва дигар мамлакатҳои ҳамшарики тиҷоратии Тоҷикистон ва пешниҳоди маълумот ба вазорату идораҳои марбута ва соҳибкорону сармоягузорони ҷумҳурӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд. | Соли 2015 | корреспонденти ташкилоти байналмилалӣ оид ба стандартҳои ИСО ва дигар ташкилотҳо мебошад, ки бе мамоният аз стандатрҳои байнидавлатӣ ва байналмилалӣ истифода мебарад. Ҳамзамон Агентӣ нигоҳдорандаи фонди давлатии ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ мебошад, ки айни ҳол дар фонди мазкур зиёда аз 21 ҳазор стандартҳои байнидавлатӣ, давлатӣ ва байналмилалӣ нигоҳ дошта мешаванд. Стандартҳои миллии фонди мазкур мунтазам ба стандартҳои байналмилалӣ ҳамоҳанг карда мешаванд.<br>Агентӣ бо Комиссияи Аврупоии СММ (UNECE) ҷиҳати истифодабарии стандартҳои кишоварзии сифат дар регламентҳои техникӣ ва истифодаи стандартҳо дар савдои байналмилалӣ ҳамкорӣ дорад, ки тибқи стандартҳои дар якҷояги таҳия намуда, (хурмо ва зардолуи хушк) дар оянда соҳибкороне, ки ба содироти меваҷот (меваи хушк) машғуланд, метавонанд бемамоният маҳсулои худро ба бозорҳои Аврупо содир намоянд.<br><br>**Палатаи савдо ва саноат.**<br>Палатаи савдо ва саноат Бо мақсади иҷрои уҳдадориҳое, ки Тоҷикистон дар чорчӯбаи СУС эътироф намудааст ва барои баланд бардоштани иқтидор ва мусоидат ба содиркунандагони ватанӣ дар назди Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бюрои миллии хизматрасонӣ таъсис дода шудааст. Ба Бюрои мазкур аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ ва хориҷӣ то имрӯз зиёда аз 30 муроҷиат оид ба пайдо намудани харидорони молу маҳсулоташон дар ҳудуди кишвар ё ки берун аз қаламрави ҷумҳурӣ ворид гаштааст, ки онҳо аз ҷониби Палата баррасӣ шуда, ба онҳо хизматрасонии дахлдор расонида шудааст.<br>Бюрои миллӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Қурғонтеппа дар мавзӯи «Иҷрои уҳдадориҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС эътироф намудааст» мизи мудаввар гузаронида, масъалаҳои ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии НАССР ва ISO дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи техникии тиҷорат ва меъёрҳои санитарию фитосанитарӣ дар давлатҳои узви СУС муҳокима намудааст.<br><br>**Вазорати саноат ва технологияҳои нав.** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Ҷорӣ намудани системаи байналмилалии менеҷменти сифат ISO 9001-2008 дар корхонаҳое, ки маҳсулотҳои онҳо ба содирот нигаронида шудаанд, мувофиқи мақсад мебошад. | |
| 7. Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, корхонаву муассисаҳо, соҳибкорон ҷиҳати банақшагирии талабот ба ихтисосҳои замонавӣ ва дар ин замина тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои саноат, бо дарназардошти талаботи имрӯза роҳандозӣ намудани таҷрибаомӯзии донишҷӯён ва ҷалб намудани онҳо ба истеҳсолот, ба роҳ мондани робитаи зич байни муассисаҳои таълимиву корхонаҳо нақшаи чорабиниҳои мушаххасро таҳия ва татбиқ намоянд. | соли 2015 | ***Мавриди иҷро қарор дорад***<br>**Вазорати маориф ва илм.**<br>- Ҷиҳати таъмини пурраи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо омӯзгорони сатҳи баланди касбӣ то соли 2018 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти таҳлилӣ ирсол намудааст;<br>- “Барномаи тайёр кардани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ барои солҳои 2016-2020”, таҳия гардидааст;<br>- лоиҳаи “Консепсияи тайёр кардани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025” таҳия карда шуд.<br>- лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Вазорат ҷиҳати ба роҳ мондани робитаи зич байни муассисаҳои таълимиву корхонаҳо дар ҳоли таҳия қарор дорад. | |
| 8. Вазорати молия якҷо бо дигар вазорату идораҳо:<br>- барои ҷалби ширкатҳои хусусии суғуртавӣ барои анҷом додани суғуртаи ҳатмӣ ва мустаҳкам намудани заминаи меъёрию ҳуқуқии бахшҳои гуногуни суғурта тадбирҳо андешида, аз ҷумла лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи ҳатмии тиббии кормандон”, “Дар бораи суғуртаи мусофирони нақлиёт” ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаҳои дигари суғуртаро таҳия ва пешниҳод намояд. | Соли 2015 | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br><br>**Вазорати молия**<br>Бо мақсади ҳавасманд намудани ширкатҳои хусусии суғуртавӣ барои анҷом додани суғуртаи ҳатмӣ ва мустаҳкам намудани заминаи меъёрию ҳуқуқӣ айни замон аз ҷониби Хадамоти давлатии назорати суғуртаи назди Вазорати молия як қатор лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардида, мавриди омӯзиш қарор дорад.<br>Аз ҷумла:<br>- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи хатмии масъулияти шаҳрвандии интиқолдиҳанда барои расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ва амволи мусофирон» таҳия карда шуда, дар баррасии вазорату идораҳои дахлдор қарор дорад;<br>- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| - ҷиҳати васеъ намудани шаклҳо ва беҳтар намудани хизматрасониҳои суғуртавии Корхонаи воҳиди давлатии “Тоҷиксуғурта” ва дар маҷмуъ устувор намудани рақобатпазирии он, инчунин беҳтар намудани фаъолияти Хадамоти давлатии назорати суғуртавӣ чораҳои зарурӣ андешад. | | суғуртавӣ» аз ҷониби Гуруҳи кории байниидоравии назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз ҷониби Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии мамлакат қабул гардид;<br>- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии тиббии кормандон» дар ҳолати баррасӣ қарор дорад.<br>Оиди васеъ намудани шаклҳо, беҳтар намудани хизматрасониҳои суғуртавӣ ва устувор намудани рақобатпазирии КВД «Тоҷиксуғурта» дар бозори суғуртаи мамлакат монополисти суғуртаи ҳатмӣ мебошад.<br>КВД «Тоҷиксуғурта» дар баробари дигар ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ иштирокчии бозори суғурта буда, бояд бевосита барои боз ҳам босифат амалӣ намудани фаъолияти суғуртавии худ чораҳои зарурӣ андешад. | |
| 9. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ва бо дарназардошти фикру андешаҳои дар ҷаласаи имрӯза баёнгардида, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ”-ро мукаммал намуда, ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд. | Соли 2015 | Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” бо назардошти таклифу пешниҳодоти дар ҷаласаи 15-уми Шӯро баёнгардида, мукаммал гардонида шуда, пас аз мувофиқа бо вазорату идораҳо аз ҷониби Ҳукумати мамлакат маъқул дониста шуд.<br>Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” дар таҳрири нав аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида шуд. | |
| 10. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук барои татбиқи самаранок ва ҳарчи бештари лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ” тадбирҳои иловагиро амалӣ намоянд. | мунтазам | **Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идори амволи давлатӣ.**<br>Кумита корро дар самти ҷалби бештари сармоягузорӣ ба иқтисодиёти миллӣ тақвият бахшида, дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Созишномаи сармоягузорӣ» 6 созишномаи сармоягузориро ба имзо расонид. Бо татбиқи босамари онҳо 7 корхонаи нави истеҳсолӣ бунёд ва наздики 4000 ҷойи нави корӣ муҳайё хоҳад гашт ва барои амалишавии онҳо зиёда аз 1 млрд. доллари ИМА сармояи мустақим ҷалб карда мешавад.<br>Аз ҷумла, созишномаҳои сармоягузорӣ бо Ширкати «Хели»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи сохтмон ва ба истифода додани корхонаи коркарди нафт дар Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара», бо ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ саноатии Тоҷикистону Хитой» оид ба коркарди маҷмуии захираҳои кони Зарнисори Шимолӣ», ҶДММ | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | «ККН-Регар» дар бораи сохтмон ва ба истифода додани корхонаи коркарди нафт дар шаҳри Турсунзода», ширкати Хуаксин семент Ко ЛТД оид ба сохтмон ва ба истифода додани хатҳои дуюм ва сеюми лоиҳавии истеҳсоли семент дар ноҳияи Б.Ғафуров ва дар ҳудуди Минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” бо ширкати Кока-Кола Ичечек А.С. оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи нушокиҳои ғайримашруботӣ ва ширкати «Чжунгтсай моҳир семент» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаҳои истеҳсоли семент ва гаҷкартон дар ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон ба имзо расонида шуданд.<br>Бояд гуфт, ки бо амалӣ гаштани лоиҳаҳои болозикр имкониятҳои содиротии мамлакат афзун гардида, барои ғанӣ гаштани буҷети давлатӣ мусоидат карда мешавад.<br><br>**Вазорати саноат ва технологияҳои нав.**<br>Таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва барои татбиқи амалии онҳо ҳарчи бештар ҷалб намудани сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ дар маркази аввали диққати вазорат меистад. Феълан ҷиҳати таъсиси корхонаю коргоҳҳои нави саноатӣ бо технологияҳои нави истеҳсолот дар соҳаҳои мухталифи саноат дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ 17 номгӯи лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳия шуда барои маблағгузории Бонки рушди Хитой ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.<br>Вазорати саноат ва технологияҳои нав супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳти назорати доимӣ қарор дода, ҷиҳати иҷрои онҳо чораҳои зарурӣ меандешад.<br><br>**Кумитаи андоз.**<br>Мақомоти андоз барои татбиқи самаранок ва татбиқи ҳарчи бештари лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ” андешидани тадбирҳои иловагиро ба мақсад мувофиқ мешуморад.<br>Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2015, 284 “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августа соли 2008, №380 “Дар бораи додани имтиёзҳои андозӣ ба корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ машғул мебошанд”, ҶДММ “Беҳрузи Мурод”, ҶСП “Чжунтай-Дангара Син Силу Текстил”, ҶДММ “Адолат А” ва ҶДММ “Евразия Текстайл” ба номгӯи корхонаҳое, ки аз низоми имтиёзноки андозбандӣ бархурдор мегарданд, ворид карда шуданд.<br>Инчунин, дар доираи Созишномаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ширкатҳои «Кока - Кола Ичечек А.С», Хуаксин Семент КО. ЛТД, ҶДММ «Ширкати Кухӣ-Саноатии Тоҷикистону Хитой», ҶСК «Сементи Тоҷик», ҶДММ «Корхонаи коркарди нафти Регар» ва дигарҳо имтиёзҳои иловагии андозӣ пешбинӣ карда шуд. | |
| 11. Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, барои пурра ҷорӣ намудани низоми “Равзанаи ягона” оид ба бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва дастрас намудани иҷозат барои оғози корҳои сохтмонӣ чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷааш ба Ҳукумати мамлакат маълумот пешниҳод намоянд. | | ***Мавриди иҷро қарор дорад***<br><br>**Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ.**<br>Баҳри амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он” якчанд санадҳои меъёрию ҳуқуқии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул таҳия ва бо тартиби муқарраргардида бо Вазорати адлия мувофиқа карда шуда, ба қайди давлатӣ гирифта шуданд.<br>Тибқи моддаи 68 қонуни мазкур давраи гузариш фосилаи вақте мебошад, ки дар ҷараёни он системаи ташкилотҳои бақайдгирии давлатӣ ва ҳуҷҷатҳои феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ташаккул меёбанд.<br>Аз ин лиҳоз, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №432 аз 2 июли соли 2015 “Дар бораи масъалаҳои ҷорӣ намудани системаи ягонаи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он” ба тасвиб расид, ки тибқи муқаррароти он давраи гузариш ба давомнокии шаш моҳ муқаррар ва ш.Хуҷанд, Истаравшан, Ҳисор, Рашт, Бохтар, Кӯлоб ва Хоруғ шаҳру ноҳияҳои пилотӣ муайян шуданд.<br><br>**Кумитаи меъморӣ ва сохтмон.**<br>Аз ҳисоби Бонки Ҷаҳонӣ барои таъминоти моддию техникии мақомоти маҳаллии меъморию шаҳрсозии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ҷиҳати пешбурди низоми “Равзанаи ягона” 550 (пандсаду панҷоҳ) ҳазор доллари ИМА пешбинӣ шудааст. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Тибқи муқаррароти моддаи 4 Кодекси шаҳрсозӣ яке аз принсипҳои асосии фаъолияти шаҳрсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додани намудҳои алоҳидаи расмиёти маъмурӣ вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ аз рӯи принсипи "Равзанаи ягона" мебошад.<br>Бо мақсади татбиқи низоми "Равзанаи ягона" дар асоси моддаи 4 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015, №192 Тартиби анҷом додани расмиёти маъмурӣ вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ дар таҳрири нав қабул карда шуд. | |
| 12. Кумитаи андоз, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ҷиҳати татбиқи самараноки низоми "Равзанаи ягона" барои бақайдгирии шахсони ҳуқуқиву соҳибкорони инфиродӣ ва соддаву осон намудани ҷараёни барҳамдиҳии фаъолияти соҳибкорӣ чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷааш ба ҷаласаҳои Шӯро ахборот пешниҳод намоянд. | | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br><br>**Кумитаи андоз, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа.**<br>Вобаста ба бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ аз рӯи принсипи "Равзанаи ягона" як қатор корҳо бо Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ба сомон расонида шуда, ба субъектҳои хоҷагидорӣ тариқи онлайн додани рақами суғуртаи иҷтимоӣ аз моҳи октябри соли 2014 ба роҳ монда шудааст.<br>Дар баробари ин, барои фаҳмондадиҳии моҳият ва тартиби истифодабарии барномаи СИА "Равзанаи ягона" аз ҷониби масъулини раёсати дахлдори Дастгоҳи марказӣ бо кормандони сохторҳои тобеи Агентӣ дар вилоятҳо семинар-машваратҳо баргузор карда шуд. Илова бар ин, дар ҳамдастӣ бо Кумитаи андоз ба раёсатҳои Агентӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ иҷозат дода шуд, ки ба иттилооти Барномаи мазкур дастрасӣ дошта бошанд.<br>Ҳамзамон, ҷараёни қатъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси маълумоти мақомоти андоз таҳти таҳлил қарор дода шуда, мушкилиҳои соҳибкорон омӯхта шуд. Бо мақсади ҳалли масъалаҳои ҷойдошта, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" таҳия гардида, бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа карда шуд ва дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.<br>Айни замон, қатъкунии фаъолияти соҳибкорӣ дар доираи маълумотҳои гумрукӣ оид ба фаъолияти иқтисодии хориҷии | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | андозсупорандагон, ки Кумитаи андоз аз Хадамоти гумрук тариқи “Онлайн” дастрас менамояд, аз ҷониби мақомоти андоз бе талаби маълумотҳои расмии гумрукӣ амалӣ шуда истодааст. | |
| 13. Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ муроҷиати соҳибкоронро, аз ҷумла вобаста ба таъсиси корхонаҳо сари вақт баррасӣ намуда, барои ҳалли онҳо дар доираи қонунгузории амалкунанда чораҳои таъхирнопазир андешанд. | | ***Мавриди иҷро қарор дорад***<br><br>Дар партави дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба истеҳсоли васеи маҳсулоти воридотивазкунанда ва баланд бардоштани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ ва муайян намудани монеаҳои асосӣ дар ин самт, таҳти роҳбарии Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ҷалби кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, идораи замин ва геодезӣ, Кумитаи андоз, хадамотҳои гумрук, зидиинҳисорӣ, Агентии «Тоҷикстандарт», МД «Фонди дастгирии соҳибкорӣ», раисони ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳру ноҳиҳои тобеи ҷумҳурӣ дар манотиқи кишвар бо соҳибкорон мулоқотҳои корӣ баргузор гардиданд.<br>Дар мулоқотҳо оид ба сиёсати созандаи Президенти мамлакат оид ба дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат, ба соҳибкорон маълумоти муфассал пешниҳод карда шуд.<br>Ҳамзамон, дар рафти мулоқот соҳибкорон оид ба гузаронидани санҷишҳои пай дар пайи андозӣ ва ситонидани ҷаримаҳои гарон, талаб намудани пешпардохти андоз, баланд будани меъёри андоз аз арзиши иловашуда дар муқоиса бо кишварҳои ҳамсарҳад ва шарики тиҷоратӣ, ба танзим даровардани арзиши гумрукии молҳо бо дарназардошти дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ, пешгирии воридоти молу маҳсулоти пастсифат тариқи қочоқ, мушкилиҳо дар самти содироти маҳсулот, аз ҷумла маҳсулоти кишоварзӣ ва дар маҷмуъ дастгирии соҳибкорон дар давраи бухронӣ ибрози назар намуданд.<br>Вобаста ба натиҷаи мулоқотҳо, Протокол ва Нақшаи чорабиниҳо таҳия гардидааст.<br><br>**Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун**.<br>Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани сиёсати Ҳукумати кишвар дар самти таъсиси корхонаҳо ва ҷалби соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию хориҷӣ тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Чунончӣ аз вохӯрии Раиси шаҳр бо соҳибкорони шаҳри **Роғун дар** синаи 07.10.2014 муайян гардид, ки дар соли 2015 аз тарафи Раиси шаҳр, 15 қарор оид ба ташкили корхонаҳои хурду миёна ва 2 қарор оид ба таъсиси | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | корхонаҳои истеҳсолкунанда (бо ҷои нави корӣ барои 65 нафар) ба тавсиб расонида шудааст, ки аз ин шумора 5 адад бо маблағи 570440 сомонӣ ва бо 20 ҷои нави корӣ ба кор оғоз намуда, 7 адади дигар дар марҳилаи ба истифодадиҳӣ қарор доранд. Дар соли равон аз тарафи соҳибкорон зиёда аз 50 адад марказҳои хизматрасонӣ ва биноҳои маишию мадании сохтмонашон аз солхош 2012-2014 оғоз ёфта мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст. Аз ҳисоби ҷалби сармоягузорони хориҷӣ бошад, имсол аз тарафи БҶИМК (Фонди хазинаи Оғохон) 8 лоиҳаи сохтмонҳои гуногун бо маблағи 922000 сомонӣ амалӣ карда шуда, 4 лоиҳаи дигар то охири соли 2015 бояд ба истифода дода шаванд. Дар вохӯрӣ аз тарафи соҳибкорон оид ба таъсиси корхонаҳои истеҳсоли колинбофӣ ва дигар коргоҳҳои истеҳсолии хурди саноатӣ пешниҳод гардида, мавриди дастгирӣ қарор гирифтанд.<br>Мурочиатҳои соҳибкорон оид ба ташкили марказҳои савдо, ошхона. марказҳои хизматрасонии маишӣ ва нуқтаҳои фурӯши маводи сузишворӣ ва таъмиру шустушуи мошинҳо, аз ҷумла вобаста ба таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ сари вақт баррасӣ карда шуда, дар доираи қонунгузории амалкунанда чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Чунончӣ соли ҷорӣ дархости 10 нафар соҳибкорон ҷиҳати таъсиси корхонаҳои зикргардида ва таъсиси корхонаҳои истеҳсолии «Хиштбарорӣ» барои ҷои кори 40 нафар ва таъсиси корхонаи «Коркарди маҳсулоти ширӣ» барои ҷои кори 25 нафар, аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун ҳамаҷониба дастгирӣ ёфта, дар нимаи аввали соли 2016 ба истифода дода хоҳанд шуд.<br><br>**Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод.**<br>Соҳибкорони маҳаллӣ дар рушду нумӯи ноҳия саҳмгузор буда, аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дархосту талаботҳои онҳо ҳамаҷониба дастгирӣ меёбад. Дар ноҳия дар давоми як сол аз тарафи соҳибкорон як қатор нуқтаҳои хизматрасонӣ ва корхонахои хурди истехсолӣ сохта ва ба истифода дода шудаанд.<br>Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҷиҳати таъсиси корхонаҳои хурд, аз ҷумла бо истифодаи ашёи хоми ватанӣ тамоми чораҳои заруриро амалӣ менамояд. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | **Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Тавилдара.**<br>Ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти боз ҳам беҳтари бахши хусусӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои истихроҷ, коркарди канданиҳои фоиданок масолеҳҳои сохтмонӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар ноҳия шароити мусоид муҳайё намуда истодааст. Дар ҳудуди ноҳия кони ангишти «Миёнаду» ҷойгир шудааст, ки ҶДММ «Вуромун» ба истихроҷи ангишти он машғул буда, соли 2014 аз кони мазкур 2020 тонна ангишт истихроҷ ва ташкилоту муассисаҳо, аҳолӣ ва ноҳияҳои ҳамсояро бо ангишт таъмин намуд.<br>Соли ҷорӣ истихроҷи ангишт ба 1500 тонна расонида шудааст ва дар назар аст, ки 800 тонна ангишти дигар истихроҷ карда мешавад.<br>Ба соҳибкорон ва сармоягузорон тибқи мурочиаташон ҷиҳати бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ қитъаи замин ҷудо шуда истодаанд.<br>Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Тавилдара ҷиҳати ҷалби сармоягузорони хориҷӣ барои беҳтар намудани рушди соҳибкорӣ ва таъсиси корхонахои коркарди меваю сабзавот ва коркарди асал дар ҳудуди ноҳия тадбирҳои мушаххас андешида шуда истодаанд. | |
| 14. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, ҷаласаҳои шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкориро аз ҷониби роҳбарони аввали мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаронида, оид ба натиҷаҳои он ба Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти мамлакат оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ маълумот пешниҳод намоянд. | | ***Мавриди иҷро қарор дорад***<br><br>Имрузҳо аз ҷониби Котиботи Шуро якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати таъсиси шуроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ корҳои муайян анҷом дода шуданд.<br>Аз ҷумла дар марказҳои вилоятҳои Хатлону Суғд, водии Рашт ва як қатор шаҳру ноҳияҳо мизҳои мудаввар ҷиҳати фаҳмондадиҳии моҳият ва аҳамияти шуроҳои машваратӣ гузаронида шуданд.<br>Дар муаррифномаи мулоқотҳо таҳти унвони “Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҳамчун воситаи таъминкунандаи муколамаи озоди давлат ва бахши хусусӣ” паҳлуҳои гуногуни фаъолияти Шуро, бахусус таваҷҷуҳи хоса ва иқдоми ташаббускоронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шурои машваратӣ, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин масъалаҳои ташкил ва раванди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар ҷумҳурӣ, фаъолияти Шуро, тартиби баррасӣ, пайгирӣ ва ҳалли масъалаҳои самти фаъолият дар Шуро, саҳми Шуро, соҳибкорон, шарикони рушд дар ислоҳотҳои татбиқгардида дар | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | ҷумҳурӣ, ҳамкорӣ бо шарикони рушд, дастовардҳои Шуро дар арсаи байналмилалӣ, моҳияти таъсис ва роҳандозии фаъолияти пурсамари Шуроҳои машваратӣ дар шаҳру ноҳияҳо манзур гардид.<br>Дар маҷмуъ соҳибкорон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, минтақа ва шаҳру ноҳияҳо, ҷонибҳои асосии майдони муколамаи давлат ва бахши хусусиро ташкил медиҳанд, мулоқотҳои анҷомдодашуда дар раванди таҳкими ҳамкориҳои судманд ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ пурсамар арзёбӣ намуданд.<br>Имрузҳо дар зиёда аз 30 шаҳру ноҳияҳои мамлакат шуроҳои машваратӣ оид бе беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ таъсис ва фаъолият намуда истодаанд. Раванди таъсисёбии шуроҳои минтақавӣ идома дорад. | |
| 15. Вазорати энергетика ва захираҳои об якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гуруҳи корӣ таъсис дода, оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши энергетика, таъмини мунтазами истеҳсолот бо қувваи барқ, ба таври васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои каммасрафи барқӣ ва неруи таҷдидшавандаи барқ таҳлилҳои ҳамаҷониба гузаронида, натиҷаҳои онро ба ҷаласаҳоиояндаи Шӯро пешниҳод намоянд. | | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br><br>**Вазорати энергетика ва захираҳои об.**<br>Масъалаи таъмини мунтазами истеҳсолот бо қувваи барқ, ба таври васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои каммасрафи барқӣ ва неруи барқароршавандаи барқ, инчунин ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам дар соҳаи энергетика мавриди пайгирии Вазорат қарор дошта, айни замон як қатор чорабиниҳо амалӣ гашта истодаанд.<br>Аз ҷумла, бори нахуст бо ташаббуси Вазорат ва дастгирии шарикони рушд моҳи октябри соли ҷорӣ дар ш. Қурғонтеппа «Рӯзҳои энергияи устувор дар Тоҷикистон» баргузор гардид, ки дар он намоишгоҳи технологияҳои манбаъҳои барқароршавандаи энергия, сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия таъсис дода шуд.<br>Ҳамзамон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои банди мазкур Гуруҳи корӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ бо ҷалби шарикони рушд таъсис дода, ҷаласаи нахустини он санаи 22 феврали соли 2016 доир гардид. | |
| 16. Вазорату идораҳо:<br>- оид ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳо аз натиҷаи мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорону сармоягузорон аз 14 октябри соли 2014 ва беҳтар намудани | | - **оид ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳо**, ки аз натиҷаи мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорону сармоягузорон аз 14 октябри соли 2014 бармеоянд, **ҷадвали алоҳида таҳия шуда,** ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод шудааст;<br>- **оид ба** мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ маълумоти алоҳидаи таҳлилӣ таҳия | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ чораҳои саривақтӣ андешида, ба ҷаласаиояндаи Шӯро ҳисобот пешниҳод намоянд.<br>- таҷлили нахустин солгарди “Рӯзи соҳибкор”-ро бо натиҷаҳои назаррас ва доир намудани чорабиниҳои гуногун таҷлил намоянд. | | гардида, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод шудааст;<br>- **Ҳисоботи алоҳида** оид ба таҷлили нахустин солгарди “Рузи соҳибкор” ва натиҷаҳои Форуми байналмилалии соҳибкории Душанбе-2015 таҳти унвони “Саҳми соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар рушди устувор” таҳия ва ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод шудааст. | |
| 17. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Котиботи Шӯро ҷиҳати ҳалли масъалаҳои дар Протоколи мазкур қайдгардида ва таҷлили нахустин солгарди “Рӯзи соҳибкор” ва гузаронидани чорабиниҳо дар доираи ин ҷашн бо шарикони рушд ҳамкорӣ намоянд. | | Рӯзи 14 октябри соли 2015 дар шаҳри Душанбе, дар Маҷмааи давлатии «Кохи Борбад» таҳти сарпарастӣ ва иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Форуми байналмилалии соҳибкории Душанбе-2015 таҳти унвони «Саҳми соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар рушди уствор» ва дигар чорабиниҳо дар доираи таҷлили «Рӯзи соҳибкор» баргузор гардид.<br>Маълумоти бештар оид ба натиҷаҳои бадастовардашудаи Форум ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол шудааст.<br>Дар маҷмуъ, вобаста ба иҷрои бандҳои Протоколи мазкур, ҳамкориҳо бо шарикони рушд ба роҳ монда шудааст. | |